Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи унвончӯ Расулзод Лоиқ Холиқ дар мавзуи "Ҳукумати электронӣ ва дурнамои рушди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо,равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ .-шаҳри Душанбе.-2025.-14с.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм. Диссертатсияи Расулзод Лоиқ Холиқ дар мавзуи "Ҳукумати электронӣ ва дурнамои рушди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо,равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «10» октябри соли 2024, таҳти № 364/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» сентябри соли 2024, таҳти № 10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ.

Маълум аст, ки асри XXI асри ТИК ба ҳисоб рафта, таъсири он ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ баръало назаррас аст. Аз ҷумла, дар низоми идоракунии давлатӣ истифодаи имкониятҳои ТИК низ ногузир гардидааст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи олам нишон медиҳад, ки онҳо маҳз тавассути татбиқи васеи ТИК дар раванди идораи давлат

тавонистанд рушди ҳукумати электрониро таъмин созанд. ТИК дар ин кишварҳо дар раванди пешбурди фаъолияти ҷамъиятӣ ва идораи давлатӣ мавқеи намоёнро ишғол намудааст. Сиёсати иттилоотикунонӣ барои ба вуҷуд овардани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва муошират электронӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Дар ин росто, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳукумати электрониро фақат дар асоси истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии муосир татбиқ ва инкишоф додан имконпазир мебошад.

Ҳадафи асосии «ҳукумати электронӣ» аз он иборат аст, ки низоми идоракунии давлатӣ ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳо ва корхонаҳо бештар ҷавобгӯ бошад ва ба онҳо имкони бештари иштирок дар таҳияи сиёсати давлатӣ, инчунин сода кардани расмиёти ҳамкории байни шаҳрвандон ва ҳукуматро фароҳам орад. Ба роҳ мондан ва татбиқи амалии ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун марҳилаи муҳимми дигаргунсозии сиёсати давлатӣ дар бахши идоракунӣ ба ҳисоб рафта, роҳро ба модели бештар шаффоф, ошкоро ва ҳисоботдиҳандаи идоракунӣ боз менамояд.

Ҳукумати электронӣ ҳамчун сохтори пешрафта амал мекунад, ки на танҳо ба пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ мусоидат мекунад, балки муносибатҳои қавитар ва ҳамкории бештари байни мақомоти давлатӣ ва аҳолиро таъмин месозад. Махсусан, бо ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии рақамӣ, Тоҷикистон барои коҳиш додани хароҷоти бюрократӣ, маҳдуд сохтани коррупсия ва ба эътидол овардани танишҳои таърихии байни давлат ва ҷомеа замина мегузорад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин пешрафтҳо ниёз ба таҳлил ва арзёбии илмии ҳукумати электронӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада, зарурат ба омӯзиш ва дарки чолишҳо ва зарфиятҳои хосси он дар заминаи вижагиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии кишвар афзоиш ёфтааст. Аз ин нигоҳ, тадқиқоти мазкур ба омӯзиши вазъи кунунӣ, мушкилоти мушаххас

ва дурнамои рушди минбаъдаи ҳукумати электронӣ дар шароити Тоҷикистон нигаронида шуда, барои муайян кардани робитаи ҳукумати электронӣ бо арзишҳои миллӣ ва мушахассан таъйин кардани чаҳорчӯбаи ҳуқуқии зарурӣ, ки ба таъсис ва тавсеаи он имкон медиҳад, аз мубрамии мавзуъ дарак медиҳад.

Ҳамзамон, дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ташаккулу инкишоф додани ҳукумати электронӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барнома, стратегия ва консепсияҳо қабул гардида, дар амалияи ҷамъиятӣ то андозае унсурҳои таркибии ҳукумати электронӣ татбиқи худро пайдо намудаанд, аммо сатҳи амалигардии талаботи ин санадҳо дар сатҳи зарурӣ намебошанд. Аз ин рӯ, муайян намудани ҳолати ташаккул, мушкилоту монеаҳо, дурнамои рушди ҳукумати электронӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии татбиқи он дар кишвар мавзуи калидии тадқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад.

Дараҷаи навгониҳои натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие,ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Диссертант дар натиҷаи таҳқиқоти худ исбот кардааст, ҳукумати электронӣ шакли инноватсионии идоранамоии давлат ва тақвият бахшидани ҳамкории байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар замони муосир мебошад. Аммо ҳанӯз ҳам дар адабиёти илмӣ доир ба шарҳу тавзеҳи мафҳум ва моҳияти ҳукумати электронӣ дидгоҳи ягона мавҷуд нест. Новобаста аз ин, дар асоси назария ва фаҳмишҳои гуногун месазад зикр дошт, ки ҳукумати электронӣ шакли идоракуние мебошад, ки тариқи электронӣ сурат гирифта, амалӣ кардани ҳадаф ва иҷрои вазифаҳоро зуд ва ё фаврӣ ба анҷом мерасонад. Махсусан, хизматрасониҳои электронӣ тавассути интернет боиси ҳамкории зичи байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат метавонад гардад.

Диссертант таъкид мекунад,ки Ҳукумати электронӣ падидаи замони муосир ба ҳисоб рафта, компютеркунонӣ ва ташкили ҷомеаи

иттилоотиву тиҷорати электронӣ унсурҳои бевоситаи он мебошанд. Татбиқи ҳукумати электронӣ ба таъмини имкони истифодаи осон ва мувофиқи ТИК бо мақсади паҳн кардани хидматҳои давлатӣ бевосита ба муштарӣ 24 соат дар як шабонарӯз ва 7 рӯз дар як ҳафта баробар аст. Ҳукумати электронӣ роҳи истифодаи технологияҳои навест, ки ба одамон имкони заруриро барои дастрасӣ ба иттилоот ва хидматҳои давлатӣ, беҳтар кардани сифати хидматҳо ва фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои иштирок дар равандҳо ва институтҳои демократӣ фароҳам меорад. Ҳукумати электронӣ як шакли ҳисоботдиҳии давлат мебошад, ки ба шаҳрвандон фавран хизматрасониҳои беҳтарини давлатиро пешкаш мекунад ва онҳоро ба фаъолиятҳои иҷтимоӣ ҷалб мегардонад.

Ба ақидаи диссертант ҳукумати электронӣ тавассути табдили рақамӣ се мушкили асосиро дар низоми идоракунии давлатӣ ҳал мекунад: якум, бо ҷорӣ намудани муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ харочоти бюрократиро кам намуда, равандҳои қабули қарорро суръат мебахшад; дуюм, ба шаффофият дар низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ мусоидат мекунад, таваҷҷуҳро аз сохторҳои анъанавии бюрократӣ ба ҳамкории наздик бо шаҳрвандон равона месозад ва сеюм, ба аҳолӣ имкони фаъолона иштирок кардан дар ташаккули айнияти миллиро фароҳам оварда, дастрасиро ба платформаҳо барои ибрози афкор тавассути воситаҳои интернетӣ таъмин менамояд. Рақамисозии идораи давлатӣ на танҳо автоматикунонии равандҳои мавҷуда ё гузаронидани вазифаҳои анъанавӣ ба формати электронӣ мебошад, балки таҳияи равандҳои куллан нав ва бознигарии модели ҳамкории байни давлат ва шаҳрвандонро низ дар бар мегирад. Махсусан, ҳукумати электронӣ самаранокӣ ва фаврияти иҷрои кор, интиқол ва қабули иттилоъро тақозо менамояд, ки идоракунии ҷамъиятиро ба ниёзҳои шаҳрвандон, ташкилотҳо ва бизнес наздик

месозад. Ин гуна равиш на танҳо имконияти иштирок дар таҳияи сиёсатро васеъ мекунад, балки робитаи шаҳрвандон бо муассисаҳои давлатиро низ соддатар намуда, расмиёти давлатиро дастрас ва бароҳат мегардонад.

Диссертант мутмаин аст,ки гузариши тадриҷӣ аз равандҳои анъанавии коғазӣ ба форматҳои электронӣ талаботи ҷомеаи иттилоотӣ аст. Аз ин рӯ, месазад зикр дошт, ки дар байни дастовардҳои назарраси асри XX ихтирои компютер ва эҷоди шабакаи ҷаҳонии Интернет, ки замина барои идоранамоии рақамӣ гузоштанд, аз падидаҳои нави ҷомеаи муосир маҳсуб меёбанд. Бо вуҷуди ин, дар асри XXI, ин таҳаввулот, ки аксар вақт «электронишудан» номида мешавад, ба таври назаррас суръат гирифта, кор, муошират ва ҳаёти шахсиро дар сатҳи ҷаҳонӣ тағйир дод. Суръати зуди электроникунонӣ на танҳо фаъолияти ҳаррӯзаро соддатар кард, балки ба рушди ТИК, ки нақши он дар бахшҳои гуногуни ҷомеа эҳсос мешавад, таъсири амиқ расонд. ТИК-и мукаммалшуда ба пешрафт дар ҳукумат, соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва тиҷорат мусоидат намуда, ҳам барои шахсони алоҳида ва ҳам созмонҳо роҳҳои ҳалли бештар муассир ва дастрасро фароҳам овард.

Ба ақидаи диссертант дар давраи соҳибистиқлолии давлатдории миллӣ дар кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде таҳия ва қабул карда шуданд, ки бевосита онҳо барои рушди ҳукумати электронӣ мусоидат намуданд. Махсусан, дар заминаи ин санадҳо дар Тоҷикистон зарурат барои таҳияи “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба вуҷуд омаад, то ҳадафҳо, афзалиятҳои рушди дарозмуддат, инчунин самтҳои стратегӣ ва марҳилаҳои татбиқи барномаҳо ва дурнамои кишварро дар соҳаи ҳукумати электронӣ муайян намояд.

Диссертант таъкид менамояд,ки татбиқи ҳукумати электронӣ ва ТИК дар Тоҷикистон аз аввалҳои солҳои 2000-ум оғоз шудааст. Аммо раванди татбиқи ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он ҳоло ҳам дар марҳилаи аввал боқӣ мондааст. Зеро, тавассути электронӣ интиқол ва қабул намудани маълумот дар байни ниҳодҳои давлатӣ, ки ҷузъи калидии ҳукумати самараноки электронӣ мебошад, ҳоло ҳам татбиқи пурраи худро наёфтааст. Ҳарчанд, аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои кишвар сомонаҳои алоҳида барои интиқол ва қабули маълумот таъсис дода шудаанд, аммо фисади зиёди онҳо дар сатҳи зарурӣ фаъол намебошанд. Дар раванди татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти зиёде мушоҳида мегарданд, ки ба татбиқи ин консепсия монеа эҷод мекунанд. Аз ҷумла, ташаккул наёфтани тафаккури техникӣ ва дар сатҳи зарурӣ истифода бурда натавонисатни воситаҳои навини технологӣ аз ҷониби аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои татбиқи ҳукумати электронӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ кардани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқанд: баланд бардоштани суръати интернет, махсусан дар минтақаҳои дур аз марказҳои шаҳрӣ; навсозии инфрасохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддат ба аҳолии минтақаҳои куҳистон ҷиҳати ташаккул додани тафаккури техникии онҳо ва ғайра. Бартараф кардани ин мушкилот замина барои татбиқи ҳукумати электронӣ ва баланд бардоштани дастрасии хадамоти рақамии давлатӣ дар саросари кишвар метавонад гардад.

Дар нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертант таъкид мегардад, такмили қонунгузорӣ низ дар пешбурди ҳукумати электронӣ нақши муҳим мебозад. Ба тартиб даровардан ва таҳдиди қонунгузории соҳа дар баробари пешрафти вазъи технологӣ метавонад заминаи мустаҳкамтари ҳуқуқиро таъмин намуда, ҳам ташаббусҳои ҳукумат ва ҳам

эътимоди мардумро дастгирӣ намояд. Илова бар ин, ҷалби бештари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар системаи ҳукумати электронӣ барои баланд бардоштани огоҳӣ ва таҳкими фарҳанги шаҳрвандӣ муҳим аст. Инчунин, созмонҳои ҷамъиятӣ метавонанд тавассути пешбурди саводнокии рақамӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонии шаҳрвандон, иштироки фаъоли онҳо дар рушди ҷомеа ҳамоҳангиро дар байни ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мустаҳкам гардонанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқӣ ва саҳеҳии маълумот, кифоя будани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки рисолаи диссертатсионӣ тасдиқ мекунад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз 176 саҳифаи матни компютерӣ, муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (192 номгӯй) иборат аст.

Дар **қисмати муқаддимавии** диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуи интихобшуда асоснок ва таҳлилу баррасӣ гардида, робитаи таҳқиқот бо мавзуъҳои илмӣ нишон дода шудааст. Инчунин, дар он объект ва предмети таҳқиқот, мақсад, вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ, пойгоҳ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якум "Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масоили ташаккули ҳукумати электронӣ » ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум - « Назария, мафҳум ва моҳияти ҳукумати электронӣ" - таъкид шудааст, ки ҳукумати электронӣ яке аз падидаҳои

муҳимми ҷомеаи муосир дар низоми идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки ба таври бевосита ба самаранокии ҳамкории байни давлат ва ҷомеа таъсири мусбат мерасонад. Татбиқ намудани технологияҳои электронӣ дар низоми идоракунӣ имкониятҳои беназиреро барои баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ фароҳам меорад ва барои автоматикунонӣ ва баланд бардоштани самаранокии тамоми равандҳои идоракунии давлатӣ мусоидат мекунад. Дар робита бо ин таъкидҳо дар ин зербоби тадқиқот таваҷҷуҳи хосса ба асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии падидаи ҳукумати электронӣ, фаҳмиши моҳият, мушаххас кардани ҳадаф ва вазифаҳои он дар низоми давлатдории ҷомеаи муосир дода мешавад.

Дар зербоби дуюм – « **Ҳукумати электронӣ ҳамчун зинаи нави идоракунии давлатӣ" -** қайд мегардад, ки воситаҳои техникӣ ва технологияи иттилоотии муосир низоми идоракунии давлатҳоро куллан тағйир дод. Махсусан, рақамикунонии босуръат, истифодаи самараноки ТИК барои баланд бардоштани шаффофият, масъулиятнокӣ, иҷрои саривақтии кор, сифати хидматрасониҳои давлатӣ таъсири муассир расонид. Аз ин рӯ, амалӣ кардани ҳукумати электронӣ бояд яке аз самтҳои калидии модернизатсияи идоракунии давлатӣ қарор гирад ва роҳу равишҳои навро барои ҳамкориҳои байни давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ қарор гирад. Воқеан, ҳукумати электронӣ як низоми мураккабест, ки дар асоси татбиқи технологияҳои рақамӣ барои оптимизатсияи равандҳои давлатӣ, автоматикунонии расмиёти маъмурӣ ва ташкили шабакаҳои нави ҳамкорӣ бо шаҳрвандон таъсис ёфтааст. Бар хилофи моделҳои анъанавии идоракунӣ, ҳукумати электронӣ ба кам кардани монеаҳои бюрократӣ, коҳиши хароҷоти вақтӣ ва молиявӣ, инчунин таъмини иштироки васеи шаҳрвандон дар раванди қабули

қарорҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, он на танҳо муносибатҳои байни ҳукумат ва ҷомеаро тағйир медиҳад, балки барои амалӣ шудани ҳадафҳои идоракунии босифат, ки бо принсипҳои ҳисоботдиҳӣ, шаффофият иртиботи бевосита дорад, метавонад мусоидат кунад.

Дар зербоби сеюм – «Нақши технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули ҳукумати электронӣ - зикр шудааст, ки ТИК на танҳо самаранокии фаъолияти давлатро баланд мебардорад, балки ба таҳкими боварии шаҳрвандон ба ҳукумат мусоидат мекунад. Бинобар ин, омӯзиши нақши ТИК дар ташаккули ҳукумати электронӣ барои дарки аҳаммияти он дар идоракунии муосир ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст. Зербоби мазкур ба баррасии паҳлуҳои гуногуни нақши ТИК дар ташаккули ҳукумати электронӣ бахшида шудааст. Дар он на танҳо ҷанбаҳои назариявӣ, балки таҷрибаи амалӣ, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо низ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Мақсад аз омӯзиш, таҳқиқу баррасии ин паҳлуи масъала аз он иборат аст, ки ТИК имрӯз фарогири ҳамаи ҷанбаҳои ҳаётии инсоният гашта, фазоеро ба вуҷуд овардааст, ки инсонҳо бе истифода аз он наметавонанд эҳтиёҷу ниёзҳои иҷтимоии худро бароварда созанд, нақши иҷтимоии худро ҷиҳати рушди ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ иҷро намоянд.

Боби дуюм – « **Хусусиятҳои ташаккул, мушкилот ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** » – аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб - **«Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқи ҳукумати электронӣ дар шароити муосири ҷомеаи Тоҷикистон** » - зикр шудааст, ки гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ислоҳоти сиёсии заруриро дар самти идораи корҳои давлатӣ талаб менамояд. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун қаблан қайд карда шуд дар самти татбиқи ҳукумати электронӣ як қатор санадҳои меъёриии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Ба ақидаи муаллиф барои кишварҳо таҳким бахшидани заминаи меъёрии ҳуқуқии ташаккули ҳукумати электронӣ ба он мақсад

буд, ки шароитҳои ҳуқуқӣ барои таъсис ва ташаккули ҳукумати электронӣ, истифодаи босамари ТИК дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳимоя намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятию давлатӣ ва ғайра таъмин карда шавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - **«Махсусиятҳои ташаккул ва инкишофи ҳукумати электронӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – зикр шудааст, ки ташаккули нишонаҳои ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар охири асри XX оғоз гардида, раванди рушди фаъол ва институтсионаликунонии он ба аввали асри XXI рост омад. Такони муҳимме барои ин раванд ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ буд, ки Тоҷикистонро ба узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ табдил дод. Ин имкониятҳои навро барои модернизатсияи инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва ҳамгироӣ ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ фароҳам овард. Бо вуҷуди он ки инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, ки аз Иттиҳоди Шӯравӣ ба мерос монда буд, дар кишвар, дар ҳолати қариб пурра фарсуда ва ғайри қобили истифода қарор дошт. Барои барқарорсозӣ ва навсозии он талошҳои ҷиддӣ зарур буданд. Сиёсати пешгирифтаи Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани ҳукумати электронӣ самти фаъолияти замонавии кишварро барои пайравӣ аз тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ ва рушди инфрасохтори рақамӣ ҳамчун унсури муҳимтарини рушди миллӣ таъкид менамояд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – « Мушкилот ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон » – зикр шудааст, ки татбиқи ҳукумати электронӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, ташаккули зеҳни сунъӣ ва дигар зуҳуроти таҳрикдиҳандаи ҷомеаи муосирро ҳамчун равандҳои муҳимми низоми идоракунӣ, ки метавонанд ҳамкории мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳо вусъат бахшанд, эътироф карда, дар ҳаёти воқеӣ амалӣ намоем. Ба он хотир, ки вобаста ба самтгириҳои зуҳури ҷомеаи иттилоотӣ дар ҷомеаи

муосир ва таъсири он ба вазъи имрӯзаи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавон худро дар канор ниҳод ва ҳамқадами ҷомеаи башарӣ нашуд.

Хулосаи диссертатсия аз 9 банд иборат буда дар он натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, ҷиҳати таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргуншавӣ тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф баён гардидаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он мебошад, ки хулосаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таҳияи барномаю стратегияҳо, консепсияи рушди давлатдории миллӣ, таҳкими рукнҳои ҳувияти миллӣ ва муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон истифода кард.

Маводи диссертатсияро ҳамчунин метавон ҳангоми таълими бахшҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ ва донишҳои дигари иҷтимоӣ, омӯзиши масъалаҳои миллӣ ва таълими курсҳои махсус истифода кард.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Оид ба мухтавои диссертатсия 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд.

Теъдоди маводҳои нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи “Ҳукумати электронӣ ва дурнамои рушди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи

ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо,равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқотӣ нашр гардидаанд мазмуну моҳияти диссертатсияро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ,ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021.№261 тасдиқ шудааст,ҷавобгӯ мебошад.

Муҳаққиқ дар асоси баррасии фарогири масъала ба хулосаҳо ва натиҷаҳои муайян расидааст. Албатта, натиҷаҳои ҳосилшуда ва тавсияҳои пешниҳодшуда барои амалияи сиёсии Тоҷикистон муҳим мебошанд.

Дар диссертатсия пайдарҳамии фикрронӣ ва хулосабарориҳои дурусти мантиқӣ ба назар мерасад. Маводҳои илмию таҳқиқотӣ ба таври зарурӣ таҳлил шудаанд. Зербобҳои диссертатсия натиҷагирӣ гардидаанд ва дар заминаи онҳо хулосаҳои умумӣ ҳосил гардидаанд.

Расулзод Лоиқ Холиқ дар омода намудани диссертатсия аз методҳои мухталифи илмӣ истифода намуда, тавонистааст, ки масъаларо дар сатҳи зарурӣ таҳлил ва баррасӣ намояд. Дар кори диссертатсионӣ навгониҳои назарраси илмиро мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба унвонҷӯ хос мебошанд. Муаллиф аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои баррасишаванда баромадааст, ки аз маҳорати таҳлилии ӯ дарак медиҳад.

Дар баробари дастовардҳои илмию таҳлилӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд:

1. Муаллифи диссертатсияро зарур буд, ки ба дурнамои рушди “ҳукумати электронӣ” дар қаринаи расидан ба истиқлоли технологӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд.
2. Яке аз ҳадафҳои асосии татбиқи “ҳукумати электронӣ” коҳиш додани хатарҳои коррупсионӣ дар ҷомеа мебошад.Ба ин масъалаи мубрам бояд муаллиф дар диссертатсия аҳамияти афзалиятдошта медод

3. Дар диссертатсияи баъзе нуқсонҳои техникӣ ба назар мерасад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Расулзод Лоиқ Холиқ таҳқиқоти аз назари илмӣ асоснок ва анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасоиҳои зикршуда арзиши илмии онро коста намегардонад.

Ҳамин тариқ, Расулзод Лоиқ Холиқ дар пажӯҳиши худ аз уҳдаи вазифаҳои гузошта шуда баромада тавонистааст ва диссертатсияи ӯ таҳқиқоти ба охир расида, дорои навгонии илмӣ буда, аз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ холӣ нест. Бешубҳа, хулосаву натиҷаҳои бадастдаромада, барои рушд ва такмили илмҳои сиёсӣ ва дигар илмҳои иҷтимоӣ хизмат менамоянд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Расулзод Лоиқ Холиқ дар мавзуи “Ҳукумати электронӣ ва дурнамои рушди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ба талаботи бандҳои 31,33,34, ва 35 Низомномаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 ба додани дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо,равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра,

Директори Институти омӯзиши масъалаҳои

давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ,

доктори илмҳои фалсафа

21 ноябри соли 2025

Суроға:734067.Ҷумҳурии Тоҷикистон,

шаҳри Душанбе, ноҳияи А.Сино

к.Гипрозем бинои 5, ҳуҷраи 27

Тел:(+992) 937308787

Е-майл: rustamhaydarov.tjk@gmail.com

Имзо Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра-ро тасдиқ мекунам:

Нозири кадрҳои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Игамова У.



Суроғаи муассиса:734025 ,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,ноҳияи И.Сомони
Х.Рӯдакӣ 33,
Тел:(+992 37) 2210328
Е-майл: kurbonova_22@mail.ru
21 ноябри соли 2025